# МАТНИ

## ШИОРУ ОВЕЗАҲО БАХШИДА БА
## 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ
## ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# МАТНИ

## ШИОРУ ОВЕЗАҲО БАХШИДА БА 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(АЗ СУХАНРОНӢ ВА ТАЪЛИФОТИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН)

Душанбе

2020

**Матни шиору овезаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз суханронӣ ва таълифоти Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон).** – Душанбе, 2020. – 49 саҳ.

**Муҳаррири масъул:** Масрур Абдуллозода

**Мураттибон:** Хуршед Зиёӣ (Роҳбари гурӯҳ), Парвин Нуриддин, Малика Боқиева, Шоҳрухи Ҷаббор, Алиназар Ашӯров

Дар ин маҷмӯа матни шиору овезаҳо аз паёмҳо, суханрониҳо, китобҳо ва таълифоти дигари Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷамъоварӣ шудааст. Маҷмӯа ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, барои истифода ба вазорату идораҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, маҳаллӣ, муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, ташкилоту созмонҳои дигар тавсия мешавад.  Инчунин ҳангоми гузаронидани корҳои тарғиботӣ, баргузории ҷашнҳову чорабиниҳои оммавӣ метавонед аз ин иқтибосҳо истифода намоед.

# ПЕШГУФТОР

Мардуми шарифи Тоҷикистон 9 сентябри соли 2021  30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил мекунад. Бо мақсади истиқболи сазовор аз ин ҷашни муқаддаси миллӣ - Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2017, № 968 “Дар бораи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва амри Президенти мамлакат аз 22 майи соли 2018, № АП-1059 ба муносибати 30-солагии истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ободу зебо гардондани маҳалҳои зист, деҳот, шаҳрак, шаҳру ноҳияҳо ва маркази вилоятҳо содир гардида, то ба имрӯз барои иҷрои онҳо корҳои зиёде ба  анҷом расидааст.

Бо ин ташаббуси ватанпарваронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ зиёда аз 25 ҳазор иншооти хурду бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маишиву фарҳангӣ дар мамлакат бунёд мегардад. Мардум ин пешниҳоди Пешвои миллатро пуштибонӣ намуда, барои иҷрои он корҳои созандагиро софдилона ба роҳ монданд. Сарвари давлат ин иқдоми сокинони кишварро қадрдонӣ карда, таъкид намуданд, ки: “Вусъат гирифтани раванди созандагӣ нишонаи возеҳи боло рафтани ҳисси ватандӯстӣ дар миёни аҳли ҷомеа мебошад. Зеро дар ин раванд шаҳрвандони кишвар сиёсати Роҳбари давлатро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ саҳми арзишманд гузоштанд. Мардуми заҳматқарини кишвар барои беҳтар гардидани вазъи инфрасохтори деҳот ёрии амалӣ расонида, дар бунёди иншооти иҷтимоӣ - муассисаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва таъмиру тармими роҳу пулҳо ва дигар ободгариҳо ҳиссаи сазовор доранд”.

Ин суханон, бешубҳа, аз муносибати самимии Роҳбари давлат ба мардуми кишвар шаҳодат медиҳанд. Дар баробари ин, ҳар як сухани Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон  муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон садои самимии ҳар як тоҷикистонист, ки андешаи истиқлолу озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ тамоми вуҷудашро фаро гирифтааст.

Пешвои муаззами миллат ҳамчун шахсияти бонуфузи сиёсӣ бо аҳли ҷомеа бар асоси эътимоднокӣ муносибат карда, тавассути андешаҳои қавӣ назари хешро оид ба пешрафти Тоҷикистони азиз, рушди соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ бо меҳру муҳаббат ва ихлосмандӣ ифода мекунанд.

Тоҷикистони мустақил дар зарфи сӣ соли Истиқлоли давлатӣ таҳти сарварии Пешвои миллат рушд карда, маҳз дар ин давра давлатдории навини тоҷикон шакл гирифта, мақоми ҷумҳурии мо дар арсаи ҷаҳонӣ боло рафт.

Дар ин маҷмӯа кӯшиш гардид, ки суханҳои ҳикматомӯз ва шиорҳои арзишманд аз паёмҳо, суханрониҳо ва китобҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи фаъолияташон ҳамчун Роҳбари давлат ҷамъоварӣ гарданд. Мазмуни ин шиору овезаҳоро шарҳи возеҳи истиқлолу озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ташкил медиҳанд.  Дар маҷмӯа матни суханони Пешвои миллат ба се гурӯҳ: «Истиқлол - муқаддастарин дастоварди миллат», «Истиқлолият, Ватан ва ватандорӣ” ва «Истиқлолият - асоси худшиносӣ” ҷудо шудаанд.

Маҷмӯаи мазкур бо мақсади иҷрои талаботи банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2018, № 510 таҳия гардида, вазорату идораҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, маҳаллӣ, муассисаҳои илмиву таълимӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ташкилоту созмонҳои дигар новобаста аз шакли моликияташон метавонанд матни шиору овезаҳоро дар давоми соли 2021, хусусан дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 9 сентябри соли 2021 таҷлил мегардад, истифода намоянд. Ба ифодаи Пешвои муаззами миллат “Истиқлол ҷашни бузурги миллии мардуми мо мебошад”. Аз ин

рӯ барои боз ҳам бештар дарк кардани мазмуну муҳтавои арзишҳои истиқлоли милливу давлатӣ, масъулон метавонанд онҳоро дар кӯчаю хиёбонҳо, биноҳо ва ҷойҳои дигари ҷамъиятӣ дар шакли овезаҳои ҷавобгӯ ба талаботи эстетикӣ ва завқи баланди зебоишиносӣ овезон намоянд.

Барои осонии дастрасӣ ёфтан ба матни шиору овезаҳо Шумо метавонед ба сомонаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии www.mts.tj муроҷиат намоед.

***АБДУҶАББОР РАҲМОНЗОДА***
*ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа*

# I. ИСТИҚЛОЛ - МУҚАДДАСТАРИН ДАСТОВАРДИ МИЛЛАТ

***

Истиқлолу озодӣ муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ ҷашни бузурги миллии мардуми мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлоли давлатӣ барои мардуми тоҷик аз ҷумлаи чунин рӯйдодҳои бузургтарини таърихӣ мебошад, ки дар тақдири халқи куҳанбунёди мо гардиши куллӣ ба вуҷуд овардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо ифтихору сарфарозӣ дастовардҳои истиқлоли давлатӣ беназиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият ва озодӣ дар сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳалаи сифатан нави таърихӣ гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар тӯли солҳои истиқлолият сатҳу сифати зиндагии мардум бамаротиб баланд рафт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, нури хуршеди истиқлолият то абад равшангари ҳаёти ҷомеаи мо гардад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

9-уми сентябри соли 1991 чархи сарнавишт дубора ба муроди мардуми тоҷик давр зада, тоҷикон соҳиби Истиқлол ва давлати мустақил шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ на санаи бори аввал соҳибдавлат шудани тоҷикон, балки санаи эҳёи Истиқлолияти давлати тоҷикон мебошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар нахустин рӯзҳои Истиқлолияти давлатӣ масъалаи ҳифзи тамомияти арзии давлат яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз пас аз қабули Парчами миллӣ ва Нишони давлатӣ амалан пурраю комил гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар партави Истиқлолияти давлатӣ инчунин, ташаккули низоми иқтисодии мамлакат ва раҳоии кишвар аз буҳрони шадиди иқтисодӣ муяссар гашт ва мо аз ҳолати буҳрони амиқ баромада, ба марҳалаи рушди ҳамаи соҳаҳо қадам гузоштем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муқовимат ва истодагарии низоми иқтисодию иҷтимоии кишвар дар баробари фишори буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ, ки имрӯзҳо идома дорад, бори дигар устувории вазъияти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлолро нишон дод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ имкон дод, ки ҷойгоҳи сазовори Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ таъмин созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати худ ҳамкориҳои минтақавиро бахусус бо кишварҳои ҳамсоя дар мадди аввал гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки баъди расидан ба Истиқлолияти давлатӣ пеш омад, раҳоӣ бахшидани кишварамон аз маҳдудиятҳои коммуникатсионӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҳанӯз дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ изҳор карда будем, ки бояд мамлакатро ба як қаламрави воҳид табдил диҳем ва робитаҳои нақлиётии кишварамонро бо мамолики дуру наздик таъмин намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ барои эҳё ва пешрафти роҳи оҳани Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам омад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ низоми қонунгузорие, ки муносибатҳои кориро танзим мекунанд, ташаккул ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба давраи хеле тезутунди раванди ҷаҳонишавӣ рост омад ва ин зарурати ҳарчи бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоиро пеш овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ кишвари азизи моро ба марҳалаи нави рушд ворид намуда, мардуми шарифи Тоҷикистон ба сӯйи ояндаи ободу осуда бо қадамҳои устувор пеш меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз бо сари баланд метавонем бигӯем, ки тамоми корҳоро танҳо ба хотири таҳким ва устувор намудан пояҳои Истиқлолияти давлатиамон анҷом додем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, аз шуълаи ҳаётбахши Истиқлол рӯзгори мардуми кишвар осоишу баракати тоза пайдо намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ арзишмандтарин дастоварди миллати фарҳангсолор ва куҳанбунёди тоҷик мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишонаи пойдориву бақои давлат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ барои тақвияту густариш пайдо кардани ваҳдати тамоми сокинони кишварамон заминаи пойдор фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳаёти иҷтимоии кишвар дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ба куллӣ тағйир ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар давраи Истиқлолияти давлатӣ дар сохтори тандурустии мамлакат дигаргуниҳои куллӣ сурат гирифтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз рӯзҳои аввали эълон кардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон вориди арсаи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳифзи минбаъдаи дастовардҳои даврони Истиқлолияти давлатӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии сиёсати хориҷии мо ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ барои боз ҳам тақвият додани Ваҳдати миллӣ мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Неъмати пурқиматтарин ва дастоварди бузургтарини мо Истиқлолият мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Танҳо миллате соҳиби ному иззат шуда метавонад, ки Истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақил дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ба пешрафтҳои бузурги иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавӣ ноил гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ борҳо марҳилаҳои мушкилу сангинро паси сар намуда, ба пешрафти давлату ҷомеа замина гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ неъмат ва дастоварди беназири таърих аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ рамзи саодати миллат ва нишонаи пойдории давлат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ рамзи гӯёи озодии миллати тоҷик ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шоҳроҳи рушди устувор ва таҳкими пояҳои Истиқлолияти давлатӣ қарор дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавоной ва некбахтии ҳар як миллат ба Истиқлолияти давлатӣ вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ ду боли як иқбол ва ду рукни меҳварии фарҳанги давлатдорию давлатсозии мо мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти Тоҷикистон дар тақдири иҷтимоии халқамон пирӯзии бузург маҳсуб меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ва оғози марҳалаи сифатан нави рушд гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият ҳамон вақт маъниву моҳияти ҳақиқӣ пайдо мекунад, ки ҳар фарди ҷомеа ба қадри он расад ва ин неъмати муқаддасу бебаҳоро ҳамчун дастоварди бузурги таърихӣ ҳифз намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлоли миллии деринтизори мо сарзамини куҳанбунёди тоҷиконро ба шакли муосир ба оламиён муаррифӣ намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми шарифи кишвар қадру қимати истиқлолиятро бештар дарк намуда, барои татбиқи ҳадафҳои бузурги миллӣ, пешрафти босуботи Ватани азизамон, таҳкими ваҳдати миллӣ ва тақвияти суботу оромии ҷомеа саъю талош менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият неъмати бебаҳо ва ниҳоят пурарзишест, ки халқи тоҷикро соҳиби комилҳуқуқи сарнавишти хеш намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти мо як дастоварди воқеии халқи бошарафу заҳматкаши тоҷик аст.

***

Истиқлолияти мо калиди соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду соҳибфарҳанги тоҷик аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Миллати тоҷик тақдирашро ба дасти худ гирифта, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо роҳу равиш ва симои хоса пайвастааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд ҳамеша аз истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ, ки аз ҷумлаи муқаддасоти ҷовидонӣ мебошанд, шукрона карда, онҳоро чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва ҳифз намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сарҷамъии миллат аз ҷумлаи шаҳсутунҳои кохи муҳташами истиқлол ва сарчашмаи бахту иқболи миллати тоҷик ва давлати тоҷикон мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бақои миллат ва иқтидори давлат аз тавоноии Истиқлол вобаста буда, дарки ҳамин нуктаи олӣ миллати бостонии моро аз пошхӯрӣ эмин дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон наздику қарин гардонид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дурахши тоҷи заррини давлати Тоҷикистони соҳибихтиёри мо муборак бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Осоишу баракати рӯзгори рӯзафзуни мо Истиқлолият аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, шаҳру деҳот, водиҳои сарсабзу хуррам ва қуллаҳои сар ба фалаккашидаи кишварамон ғарқи нури Истиқлол бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ барои мо дар марзи ду ҳазорсола падидаи бемислу боазамати таърихист!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият арзишмандтарин дастоварди мардуми фарҳангиву сулҳхоҳи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ натиҷаи талошу муборизаҳои фидокоронаи халқи озодихоҳу тамаддунсоз ва бонангу шарафманди тоҷик мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Решаҳои Истиқлоли мо ба умқи таърихи пурифтихори халқамон мерасанд!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият нишони муборизаҳои фидокоронаи ҳазорон нафар фарзандони далеру қаҳрамони миллат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият муаррифгари миллати соҳибдавлату соҳибқудрати мост.

***

Волояти қонун таҳкурсии ба низом даровардани тартиботи ҷамъиятӣ ва дар маҷмӯъ сарчашмаи амнияти миллату давлат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Садоқати мардуми Тоҷикистон ба истиқлолияти давлатӣ пойдевори давлати миллиро устувор намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Беҳтарин ва бузургтарин дастоварди таърихи навини миллати куҳанбунёд ва соҳибфарҳанги тоҷик сулҳ ва истиқлолият мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, аз файзу баракати истиқлол парчами ваҳдати миллӣ роҳнамо ва ойини миллати сулҳпарвари тоҷик бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ ҳамон вақт устувору пойдор мегардад, ки ҳар як фарди ҷомеа ба қадри он расад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият ба халқу мамлакати мо қувваи тавоно бахшида, барои пешрафти ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ фазои мусоиду озод фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар давлати соҳибистиқлоли миллии мо ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу субот побарҷост!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми Тоҷикистон Истиқлолияти давлатии худро чун гавҳараки чашм ҳифз менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар радифи Истиқлолияти давлатӣ Ваҳдати миллӣ яке аз бузургтарин дастовардҳои миллати куҳанбунёди тоҷик мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо Истиқлолияти давлатиро чун неъмати беназир ва муқаддас ҳифз менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият неъмати бузург аст, ба қадри он бояд расид!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ суботу оромӣ ва ваҳдату ҳамбастагии мардуми кишварамон таъмин гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ роҳи рушду такомули минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро равшан сохт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолу озодӣ барои мардуми шарифи мо ҳамчун арзишҳои муқаддастарин қадру қимати бузург доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ асоси рушди устувори кишвари азизамон гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикон аз ҷумлаи миллатҳои хушбахтанд, ки бо шарофати Истиқлолият тақдири имрӯзу фардои давлату кишвари худро дар ихтиёр доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллиро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ ду меҳвари сиёсати давлати Тоҷикистон мебошанд!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ нуфузу эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон пайваста боло меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо кишвари мо пайванди ногусастанӣ бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он вазифаи ҷонӣ, масъулияти виҷдонӣ ва қарзи имонии ҳар як фарди бонангу номуси миллат аст!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ асосҳои ҷомеаи демократиро ба вуҷуд овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба рамзҳои давлати худ чун ба муқаддасоти миллати озоди соҳибистиқлол арҷ гузоред ва онҳоро гиромӣ доред!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар замони Истиқлолияти давлатӣ таъмини ваҳдату амният, сулҳу суботи ҷомеа, ободиву сарсабзии кишварамон масъулияти дучандро талаб менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ ҷашни сарнавиштсозу муқаддаси миллӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба даст овардани истиқлолият кори бисёр душвору заҳматталаб мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дастоварди муҳимми даврони Истиқлолият ба вуҷуд овардани муҳити озод дар ҷомеа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ поянда бод!

***

Истиқлолу озодӣ роҳи моро ба сӯи амалӣ гардонидани ҷамъиятиву сиёсӣ боз намуд.

***

Истиқлолияти давлатӣ неъмати бузург ва ҳифзу таҳкими он шараф аст!

***

Вазифаи муҳимтарини ҳар яки мо ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, суботу оромии комили ҷомеа ва тақвияти ваҳдату ҳамдигарфаҳмист.

***

Бигзор, ҷашни муқаддаси истиқлол барои ҳар фарди кишвар бахту саодат ва фатҳу кушоиш оварад!

***

Истиқлолияти давлатӣ дар таърихи халқи тоҷик нодиртарин падидаи сиёсиву сарнавиштсоз мебошад.

***

Соҳибихтиёрӣ муаррифгари кишвар дар арсаи байналмилалист!

***

Соҳибистиқлолӣ барои беҳтар шудани рӯзгори мардум заминаҳои мусоид мегузорад.

***

Нишони давлатӣ ва Парчам рукнҳои давлати миллианд.

***

Рушди устувори иқтисоди миллӣ ва беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ҳадафи давлати соҳибистиқлоли мо мебошад.

***

Бунёди нақбҳои бузург ва роҳҳои замонавӣ аз баракати истиқлолият аст!

***

Зиндаву поянда бод Истиқлоли миллӣ!

***

Соҳибистиқлолии давлатамон –таҷрибаи таърихист!

***

Иқдомҳои бузурги созандагиву бунёдкорӣ - шарофати даврони Истиқлолият аст.

***

Истиқлолияти давлатӣ - шарти ҳастию бақои миллат ва кафили фардои дурахшони мост!

***

Истиқлол ба мардум саодати рӯзгор, ба кишвар сулҳу суботи абадӣ, ваҳдати ҷовидонаи миллӣ овард.

***

Ҷашни муборакиИстиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизамонро бо дастовардҳои арзанда истиқбол гирем.

***

Истиқлолияти давлатӣ ба бунёди давлати навини тоҷикон заминаи воқеӣ гузошт.

***

Ваҳдат дар замони Истиқлолият хатари парокандагии миллатро бартараф намуд.

***

Сиёсати дохилию хориҷии Тоҷикистон омили таҳкими Истиқлолияти давлатист!

***

Таҳкими дастовардҳои Истиқлол мароми мост!

***

Истиқлолияти давлатӣ - муқаддастарин арзиши миллист!

***

Истиқлол ҳадафи воло ва арзиши муқаддас мебошад.

***

Истиқлолияти давлатӣ аз ҳама арзишҳои дигар азизу муқаддам аст!

***

Ҳар хишт ба кохи истиқлоли мо нишони каҳрамониҳои бемисли мост!

***

## II. ИСТИҚЛОЛИЯТ, ВАТАН ВА ВАТАНДОРӢ

***

Ватанро дӯст доштан, ба қадри Истиқлолияти давлатӣ расидан аст!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳифзи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ бидуни ваҳдату ягонагӣ, сулҳу субот, эҳсоси баланди ватандорӣ, ифтихор аз давлатдории миллӣ ғайри имкон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарзандони бонангу номуси Тоҷикистон бо дарки масъулият, созандагӣ ва ободонии Ватани азизамонро қарзи инсонӣ ва шаҳрвандии худ мешуморанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият барои ҳамаи наслҳои миллати мо ормони воло, номаи тақдир, ҳифзи шарафу номуси ватандорист!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳисси баланди масъулият дар назди таърих моро водор месозад, ки истиқлолу озодии давлатамонро ҳифз кунем ва қарзи фарзандии худро дар назди Ватани азизамон ба ҷой орем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҳар амали некеро, ки анҷом медиҳем, барои Ватани азизу маҳбубамон – Тоҷикистон мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд шукронаи Ватани соҳибихтиёру маҳбубамонро ба ҷо орем ва онро дӯст дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият барои мо мисли Наврӯз  азиз аст!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳу иқболат дурахшон, истиқлолиятат поянда ва умрат ҷовидон бод, Тоҷикистони азиз!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият барои мардуми куҳанбунёди тоҷик арзиши муқаддасу сарнавиштсоз буда, хурду бузурги кишвар барои тақвияти пояҳои давлати навин заҳмат мекашанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо танҳо бо ваҳдату сарҷамъӣ, заҳмати аҳлона ва саъю талоши тамоми сокинони кишвар метавонем истиқлолияти Ватани маҳбубамонро ҳимоя кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо тавонистем, ки ба шарофати дастгирии самимона ва кӯшишу заҳмати мардуми ватандӯсту қавииродаамон рушди устувори иқтисодии мамлакатро таъмин намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷавонон бояд Ватан, миллат, истиқлолият, рамзҳои давлатӣ, забон ва фарҳанги худро эҳтиром намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҳкими дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ масъулияти дучандро аз ҳар як фарди ватандӯсти кишварамон талаб дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як фарди ватандӯст ва бонангу номуси Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бояд аз ҳарвақта бештар масъулиятшинос бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд дар ободии ҷумҳурии соҳибистиқлол ва беҳтар гардонидани зиндагии мардуми Ватани азизамон содиқона саҳм гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати истиқлолият тақдири Ватану давлати аҷдодии худро ба даст гирифта, бо азму иродаи созанда сӯйи ояндаи обод ва ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ қадам мезанем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳифзи соҳибистиқлолии Ватан вазифаи шаҳрвандӣ ва масъулияти фарзандии ҳар фарди Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият дар радифи «миллат», «Ватан» ва «ваҳдат» бояд ба мафҳуми ҷудонашавандаи ҳастиву шуур ва ҷаҳонбинии шаҳрвандони кишвар мубаддал гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Озодӣ ва истиқлолият муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат аст!

Эмомалӣ Раҳмон

Саҳифаҳои пурифтихори озодихоҳиву ватанпарастии мардуми мо бо хуни ҳазорон далерону родмардони ватанпарвар навишта шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо, ҳама фарзандони Тоҷикистони соҳибистиқлол Ватанамонро ободу зебо, давлатамонро пешрафтаву неруманд ва рӯзгори ҳар як хонадони мардумамонро осудаву бобаракат мегардонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ ва бахту саодати воқеии миллат аст!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шукронаи соҳибватанӣ ва ифтихор кардан аз Тоҷикистони соҳибистиқлол қарзи имонии ҳар яки мост!

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бояд тамоми кӯшишамонро ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, сарҷамъии миллат ва ободии имрӯзу фардои кишвар сафарбар намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соҳибватан будан хушбахтӣ ва ифтихори бузург аст!

Эмомалӣ Раҳмон

Ба қадри Ватан ва истиқлолияти он расидан масъулияти бузург мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият ба мо имконияти таърихӣ фароҳам овард, ки Ватани худро соҳибӣ кунем, давлатдории миллии худро барпо намоем, суннату арзишҳои миллиамонро эҳё созем, ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем ва зиндагии озодонаи мардумамонро ба роҳ монем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият ва озодӣ арзиши бисёр азизу муқаддас дар ҳаёти ҳар як шахси огоҳу бонангу номуси Ватан аст!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти Ватан дар замири ҳар фард эҳтиром ба фарҳанг ва хоки поки аҷдодиро зиёд намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти комилро танҳо бо тафаккури баланди сиёсию фарҳангӣ ва ҳисси масъулият дар назди наслҳои имрӯзаюояндаи Ватан ба даст овардан мумкин аст!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд истиқлолият, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба таърих, фарҳанг, анъанот, расму ойини мардум ва дигар арзишҳои миллию умумибашариро қадр намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тақдири имрӯзу фардои Ватанамон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ дар ихтиёри худамон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият рамзи гӯёи озодии миллат, соҳибихтиёрии давлат ва нишонаи равшани ватандориву меҳандӯстист!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикон бо тақдири имрӯзу фардои давлату ватани соҳибистиқлоли худ ифтихор доранд!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соҳибватан будан - хушбахтӣ ва ифтихори бузург аст!

Эмомалӣ Раҳмон

Ба қадри Ватан ва истиқлолияти он расидан масъулияти бузург аст!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба хотири фардои неку ободи Ватани азизамон ҳарчи бештар заҳмат мекашем!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд Ватани маҳбубамонро боз ҳам ободу зеботар гардонем!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ баробари ифтихороти миллӣ ва ватандӯстӣ моро водор месозад, ки аз пешрафту дастовардҳои ҷаҳони муосир огоҳ бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муқаддасу бегазанд ва пойдору устувор нигоҳ доштани Истиқлолияти давлатӣ вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аст!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми мо ба истиқлоли давлатӣ ноил гардиданд ва ба эъмори давлати миллии худ шурӯъ карданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

То ҷашни муқаддасу бузурги 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҳар як оила бояд ба масъалаи таҷдиду азнавсозӣ, тозаву озода ва ободу зебо гардонидани манзили зисти худ кӯшиш намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи виҷдониву инсонии ҳар яки мост, ки истиқлолу озодии давлати тоҷиконро мисли гавҳари бебаҳои зиндагиамон гиромӣ дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлол барои мардуми шарафманди тоҷик роҳи васеъро ба сӯйи зиндагии осуда, эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ боз намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тайи даврони соҳибистиқлолӣ миллати куҳанбунёди мо дар шоҳроҳи амалӣ намудани нақшаҳои азими созандагӣ, ки ҳадафашон бо тақдири наслҳои имрӯзаву оянда пайванди мустақим дорад, қадамҳои устувор гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлоли миллӣ омили муттаҳидсозандаи халқи Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шарофати заҳмати халқи соҳибмаърифату тамаддунсозаш ба марҳалаи нави рушд ворид шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми шарифи Тоҷикистон дар ибтидои истиқлолият аз имтиҳони сангини таърих сарбаландона гузашта, сарзамини аҷдодии худро хеле ободу пешрафта гардонид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, ба шарофати Истиқлолият маркази сиёсӣ ва илмиву фарҳангии давлати тоҷикон - шаҳри Душанбе боз ҳам ободу зебо гардад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба хотири ҳимояи истиқлолияти давлати ҷавони худ мардуми шарифи Тоҷикистон имтиҳони сахту сангини таърихро паси сар намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, сулҳу субот дар Тоҷикистони азизамон ҳамеша ҳукмрон ва истиқлолияти миллати фарҳангсолорамон ҷовидону бегазанд бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ, Ватан, модар, забон, фарҳанг моро ба сӯйи ваҳдату ягонагӣ ва муттаҳидиву сарҷамъии миллат раҳнамоӣ месозанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муттаҳидию рафоқат, тифоқию ваҳдат, муросою ҳусни тафоҳум, якдигарфаҳмию ҳамраъйӣ ва неруи созандаи миллат моро аз тӯфонҳои шадиди аср эмин медоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Истиқлолият Тоҷикистони азизи моро дар сафи кишварҳои мутамаддини олам ҷой медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо давлати соҳибистиқлол ва халқи эҷодгару бунёдкор дорем, ки таърихи навини худро бо дасти худ бунёд мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо сарзамин, таърих ва муқаддасоти халқу давлатамонро аз ҳама гуна таҳдидҳои ҷаҳони пурмоҷаро солим нигоҳ медорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, кохи истиқлоли давлати Тоҷикистон дар ҳама давру замонҳо пурҷилову муҳташам ва устувору бегазанд бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар масири даҳ асри охир мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон ба шарофати истиқлолият ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як фарди бонангу номуси миллат бо шукргузорӣ аз сулҳу субот ба истиқлолияти давлатӣ арҷ мегузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар пешрафти Ватани маҳбубамон Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ нақши бузург доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дӯст доштани Ватан – имондорист!

***

Поянда бод ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу субот!

***

Масъулияти ватандорӣ – қарзи инсонӣ ва шаҳрвандист!

***

Истиқлолу озодии давлат – муқаддастарин неъмати зиндагист!

***

Эҳтиром ба миллат, давлат, истиқлолият – эҳтироми Ватан аст!

***

Дӯстдории Ватан – масъулият аст.

***

Истиқлолият – тақдири хеш бо дасти худ навиштан аст!

***

Барпо намудани давлати соҳибихтиёр бо имконияти таърихии ҳар халқу миллат вобаста мебошад.

***

Давлати соҳибистиқлол - хушбахтист!

***

Тараннуми Истиқлол – арҷгузорӣ ба суннатҳои давлатдорист!

***

## III. ИСТИҚЛОЛИЯТ - АСОСИ ХУДШИНОСӢ

***

Истиқлолият ва Озодӣ шарти бақои давлатдории миллӣ, эҳёи фарҳангу тамаддун, асоси худшиносӣ ва андешаи миллист!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соҳибистиқлолӣ сатҳи худшиносӣ, эҳсоси ватандорӣ ва ифтихори миллии хурду бузурги кишварро ба зинаи нав бардошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Садоқати ҷавонони мо ба Ватан, миллат ва обу хоки сарзамини аҷдодӣ гарави амнияту осоиши ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ арзишҳои фарҳангӣ, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада, Шашмақом, Фалак, атласу адрас, чакан эҳё гардиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман ба ақлу заковат, неруи созанда ва ҳисси миллии ҷавонони саодатманду ватанпарвар ва бонангу номуси кишвар бовар дорам.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷавонон ба хотири ҳифзи арзишҳои истиқлолият чун сипари боэътимод хизмат мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд парчами озодиву адолатро ба хотири ҳифзи асолату арзишҳои миллӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмии халқамон устувор гардонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ ва озодӣ барои мо неъматҳои муқаддастарин ва бузургтарин мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳифзи Озодию Истиқлолият ва манфиатҳои миллию давлатӣ вазифаи муҳимтарини ҳар як фарди бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳи ин сарзамин мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд гузаштаи худро хуб дарк карда, бо неруи тоза ва азму иродаи қавӣ ба ҳалли мушкилоти имрӯзу оянда рӯ оварем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Андешаи истиқлолияту соҳибихтиёрӣ ва талоши расидан ба давлатдории мустақили миллӣ дар зеҳни фарзандони некному хирадманди он дар тӯли садсолаҳо зинда буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ниҳоди миллати мо омилҳои бунёдии эҳёи тадриҷии истиқлолият ҳамеша вуҷуд доштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Асолат ва ҳувияти устувор, суннатҳои беш аз сеҳазорсолаи давлатдорӣ, арзишҳои бузурги созандаи иҷтимоиву фарҳангӣ дар асл шаҳсутунҳои ҳаёти фаъол ва таърихии миллати мо мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Эҳёи суннатҳои беҳтарини таърихиву фарҳангӣ ба шарофати истиқлолияти давлатӣ ба мо муяссар гардидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо моҳият ва мафҳуми Ватану ватандорӣ, қадру манзалати истиқлолияти давлатӣ, худшиносиву худафрӯзӣ, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои волои ҷомеаи шаҳрвандиро дар қалбу шуури ҳар як сокини кишвар ҷой менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият имконият дод, ки мо ғояи худшиносии миллиро парчами замон кунем!

Эмомалӣ Раҳмон

Ифтихори миллӣ бо шири модар, бо аллаи фаромӯшнопазири ӯ ва бо нахустин ҳарфҳои устод дар мактаб ба дилу шуури ҳар фарди тоҷик абадан ҷой мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Парчами давлатӣ нишонаи бақои давлат, ваҳдату ягонагӣ, ҳувияти миллӣ ва беҳтарин василаи тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз  давлати соҳибистиқлоли мо бо такя ба арзишҳои волои башарӣ ба сӯйи ҷомеаи мутамаддин равона аст!

Эмомалӣ Раҳмон

Фарҳанги кадимаи аҷдодонамон, ақлу хиради наҷотбахш ва анъанаҳои неки давлатдории ниёгони сарбаландамон сарчашмаи нерубахши мо мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият барои мо як марҳалаи сифатан наву воқеии таърихӣ аст!

Кору пайкори расидан ба давлату давлатдории миллӣ ва ҳифз намудану пос доштани мероси маънавию фарҳангии миллат вазифаи ҳар як соҳибватан мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Озодӣ ва истиқлолият дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва волои ҳаёти инсон, нишонаи барҷастаи симо ва шахсияти таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳувият ва шарти бақои таърихии миллат ва давлат мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Истиқлолият мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва замонати ҳастии воқеӣ ва бошарофати миллат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рӯҳи мубориза ва озодихоҳӣ дар сирати иҷтимоӣ ва таърихии миллати мо азалӣ аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ормон ва идеали волову бузурги озодӣ ва истиқлолияти Ватан бо сифатҳои пуркимати инсонӣ, аз қабили шараф, нангу номус, накукорӣ, ҷавонмардӣ, салобат ва ифтихори миллӣ ороста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият дастоварди муҳимтарин, бузургу бебаҳо ва таърихии миллати мо ва бақои давлати тоҷикон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд дар рушду таҳкими истиқлолияту ваҳдат ва дигар арзишҳои муқаддаси миллиамон сидқан саҳм гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи мо истиқлолияти давлатамонро мустаҳкам кардан аст!

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бояд насли наврасу ҷавонро дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои таърихиву фарҳангии миллат ва эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ тарбия намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷавонон бояд шахсони соҳибмаърифат, бофарҳанг, мутамаддин, эҷодкор, номбардори миллати қадима ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон гарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият дар тамоми давру замонҳо ҷузъи таркибии ҳастӣ ва ҳувияти миллати мост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ормони истиқлол фарзандони мубориз, ватандӯст ва донишманди миллатро барои ҳифзи истиқлолияти Ватан раҳнамой карда, дар давраҳои мушкили зиндагӣ ба онҳо неруву тавон бахшидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба шарофати истиқлолият ғояи таҳкими ваҳдати миллӣ, таъмини сулҳу субот ва тарғиби худогоҳиву худшиносиро ба пояи сиёсати давлатӣ бардоштем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар фарди худогоҳ ва бонангу номуси Тоҷикистон ба қадри соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрӣ, сулҳу субот ва оромии ҷомеа расида, барои ҳифзи манфиатҳои олии миллат ва давлат азму талош менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муқаддасу бегазанд ва ҳамеша пойдору устувор нигоҳ доштани истиқлолият вазифаи давлат ва рисолати ҷонии ҳар як шаҳрванди худшиносу худогоҳ ва бонангу номуси Тоҷикистон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият ҳамчун яке аз рукнҳои бунёдии озодии инсон дар тамоми давру замонҳо ҷузъи таркибии андеша ва ҳувияти миллӣ аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дарки амиқи моҳияти истиқлолияту озодӣ барои пойдории давлат ва бақои миллат пураҳамият мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Истиқлолият имкон фароҳам овард, ки номаи тақдирамонро бо дасти худамон нависем ва ба хотири фардои ободу осуда заҳмат кашем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ дар роҳи худшиносии милливу таърихӣ, эҳёи ойину суннатҳо ва рушди илму адаб марҳалаи дурахшону пурифтихори фарҳангу тамаддуни миллӣ, даврони рушди неруи зеҳнӣ ва эҷодкорӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият боиси ифтихори миллии тоҷикон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Пойдору мустаҳкам намудани Истиқлолият бар дӯши ҳар як шаҳрванди мамлакат масъулияти бузургро вогузор менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Давлати миллӣ барои мо воситаи ҳифзи фарҳангу забони миллӣ, ваҳдату якпорчагии кишвар, иттиҳоду ҳамдигарфаҳмӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ – ин саодати ҷовидона аст!

Эмомалӣ Раҳмон

Дар масири ҳазорсолаи таърих ба насли имрӯзаи тоҷикон насиб гардид, ки ҷашни пуршукӯҳи ниёгонамон - Наврӯзи оламафрӯз, Наврӯзи ормонҳои навинро бо тантана таҷлил намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рукни бисёр муҳимми Истиқлолияти давлатӣ ифтихор аз таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои ҷовидонаи миллат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлоляти давлатӣ ба густариши эҳсоси худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори ватандорӣ робитаи зич дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳарчанд ки Истиқлолияти давлатии мо ҷавон аст, вале решаҳои он ба умқи таърихи пурифтихори халқамон мерасанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ифтихор аз таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои наҷибу ҷовидонаи миллат як рукни бисёр муҳимми Истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Халқи ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу сарбаланди кишварамон ҳамеша дастгиру пуштибони сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо талошу заҳмати содиқонаву софдилонаи мардуми худогоҳу озодидӯст ва ватандӯсту меҳанпарвари худ ба ҳамаи мақсадҳои некамон мерасем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият нишонаи ҳувият ва озодӣ, ифтихор ва номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пас аз давлати Сомониён забони миллии мо танҳо дар даврони Истиқлолият дар мақоми забони давлатӣ ҷойгоҳи хос гирифт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳукумати Тоҷикистон аз оғози Истиқлолияти давлатӣ барои рушди забони давлатӣ тамоми имкониятҳоро фароҳам овардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун ҷашни муборaки миллӣ ба густариши бештари худогоҳиву худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ неруи тоза бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ барои эҳёи забони тоҷикӣ ва фарҳанги миллӣ заминаи устувор гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ барои баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ ва эҳёи анъанаҳои фарҳангии миллии халқи тоҷик мусоидат намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ мо дар роҳи таҷдиди назар кардани таърих, адабиёт ва фарҳанги миллӣ қадамҳои устувор гузоштем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ мо пояҳои фарҳанги миллиамонро устувор намудем ва беҳтарин арзишҳои фарҳангии худро аз нав эҳё кардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ яке аз бузургтарин ҷашнҳои аҷдодиамон Наврӯз аз нав зинда гардид ва ба ҷашни ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо шарофати Истиқлолият забону фарҳангро ҳастии миллат эълон карда, ба рушди суннатҳои фарҳанги миллӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Озодию истиқлолият бароямон бузургтарин дастоварди ва ғояи муқаддаси миллӣ аст. Мо бояд тамоми талоши худро барои ҳимоя ва пойдору устувор мондани онҳо равона созем ва ин неъматҳои бузурги миллатамонро чун гавҳараки чашм ҳифзу эҳтиёт намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи ташаккули давлатдории миллӣ, зарурати ҳифзи давлатдории миллӣ, аҳамияти истиқлолу соҳибихтиёриро бояд бо тамоми вуҷудаш дарк намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳифзи истиқлолият ва рушди давлатдории миллӣ мазмуни асосии тамоми фаъолияти моро ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қабули Парчам, Суруд ва Нишон, фароҳам овардани шароит барои рушди забон, фарҳанг ва суннату анъанаҳои миллиамон ба мо маҳз ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ муяссар гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми мо дар тӯли таърихи соҳибистиқлолӣ аз уҳдаи иҷрои бисёр корҳои ҷиддиву сарнавиштсоз бо сарбаландӣ баромаданд ва эътимод дорам, ки ба хотири таҳкими пояҳои давлати миллии худ минбаъд низ содиқона ва софдилона заҳмат мекашанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таълиму тарбияи шоистаи насли наврас яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлату Ҳукумат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Омили муҳимми пойдории истиқлолияти ҳар як давлат рушди илму маориф, бахусус, илмҳои дақиқ, татбиқи дастовардҳои технологиву инноватсионӣ ва навовариву ихтироъкорӣ аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муҳимтарин дастоварду комёбӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳуриии Тоҷикистон аз хатари нестӣ наҷот ёфтани давлатдории миллии тоҷикон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ ба мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки мактаби давлатдории миллиро рушд дода, модели муосирро озодона интихоб намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дастоварди асосӣ ва меҳварии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи эҳё, барқарорсозӣ ва ҳифзи давлатдории миллӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таҳкими давлатдории миллӣ ва пойдории сулҳу ваҳдат яке аз беҳтарин намунаҳои заҳмату талошҳои мардуми Тоҷикистон дар давраи Истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар роҳи ҳифзи Истиқлолияти миллӣ ва бунёди давлати муосиру пешрафта нақши ҷавононро хеле муҳим медонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ мақому мартабаи зан баланд рафта, нақши бонувон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии мамлакат назаррас мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ дар таърихи илму маорифи тоҷик, бешубҳа, гардиши куллӣ ва марҳилаи сифатан нави рушд мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маориф ва илм дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо дастгирии давлат ва Ҳукумат ба як рукни муҳимми иҷтимоӣ табдил ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷузъи таркибии андеша ва ҳувияти миллии тоҷиконро ғояи истиқлол ва озодихоҳӣ ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд сиёсати давлати худро бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, имконияту захираҳои воқеӣ, таҷрибаи давлатдории миллӣ ва тибқи меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ таҳия ва роҳандозӣ намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти мардуми тоҷик решаи қадимаву устувори маънавӣ дорад ва ибтидои давлатдории он ба аҳди Каёниён мерасад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатии тоҷикон ба рушди кишварамон гардиши куллӣ бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

Истиқлолият бузургтарин дастоварди миллати куҳанбунёди тоҷик ва неъмати бебаҳо барои наслҳои ояндаи халқи мост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлат баъд аз садсолаҳои зиёди ҷонбозиҳо ва заҳмати басо сангину азму талошҳо насиби мардуми озодихоҳи мо гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

Истиқлолият дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ - бунёди давлати навини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқи кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосири тоҷиконро гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҳар хишти иморати муҳташами истиқлолиятро бо заҳматҳои гарон болои ҳам мечинем.

Эмомалӣ Раҳмон

Бинои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бояд тарҳу симои хосаи худро соҳиб гардад, таърихи гузаштаву тақдири ояндаи миллатро фаро гирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ба мо муяссар шудааст, ки орзуву ормони деринаи миллати тоҷикро амалӣ сохта, ба бунёди давлати мустақили Тоҷикистон ноил гардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳадафи асосии талоши ҳар халқ барои озодӣ таъсиси давлати миллӣ ва идораи мустақилонаи корҳои давлатдорӣ аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Истиқлолият рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ, нишонаи пойдориву бақои он мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми мо дар охири асри XX муяссар шуд, дар сарнавишти тоҷикон таҳаввулоти бузурги сиёсиву иҷтимоӣ ва гардиши куллие гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Парчами давлати соҳибистиқлоли мо инъикоскунандаи таъриху фарҳанг ва расму ойинҳои деринаи давлатдории миллиамон, баёнгари мақсаду мароми сокинони мамлакат буда, ба онҳо дар роҳи бунёди ояндаи дурахшон неруву қудрати созандагӣ мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ натиҷаи талошу муборизаҳои фидокоронаи халқи озодихоҳу тамаддунсозамон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Андешаи истиқлолу соҳибихтиёрӣ дар зеҳни миллати истиқлолхоҳи мо дар тӯли садсолаҳо зинда буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро ғайр аз худи мо каси дигар обод намесозад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ сиришти маънавии миллати тоҷик расмияти сиёсӣ пайдо кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар раванди таҳкими дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ масъалаи ташаккули инсони солиму донишманд, мутахассиси сатҳи баланд ва ташаббускору бунёдкор аҳамияти хос дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми тоҷик маҳз бо файзу баракати Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ ба давлатдории миллӣ ва эъмори ҷомеаи демократӣ расид.

Эмомалӣ Раҳмон

Истиқлолият - василаи муҳимтарини ҳифзи асолату ҳувияти миллӣ ва нишонаи возеҳи ҳастии миллат ба шумор меравад.

***

Истиқлолият ва ваҳдат сароғози рушд ва шарти бақои давлатдории миллист!

***

**Матни шиору овезаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз суханрониҳо ва таълифоти Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон)**